4027 - Фиристодани акси духтар ба хостгор тавассути интернет

савол

Мо саволи зеринро ба Ҷаноби Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин пешниҳод кардем:

Оё ҷоиз аст, ки зан акси худро тавассути интернет ба марди хостгоре, ки дар ҷои дур зиндагӣ мекунад, бифиристад, то сурати ӯро бубинад ва қарор кунад, ки бо ӯ издивоҷ мекунад ё не?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ӯ (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) чунин посух дод:

Ман инро ҷоиз намедонам:

Аввал: Зеро мумкин аст, ки дигарон низ ба ин акс нигоҳ кунанд.

Дуввум: Зеро акс пурра воқеиятро намоиш намедиҳад, бисёр вақт инсон аксеро мебинад, вале ҳангоме ки худи он шахсро мебинад, мефаҳмад, ки тамоман дигар аст.

Саввум: Шояд акс дар назди хостгор боқӣ бимонад, вале ӯ аз хостгорӣ даст кашад, аммо акс дар назди ӯ боқӣ мемонад ва метавонад ҳар гунае, ки бихоҳад аз он акс истифода барад.

Аллоҳ донотар аст.